ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Азизов Фирӯз Шарифович дар мавзуи “Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ *(дар мисоли барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон ва Телевизиони Сафина)*” барои дарёфти унвони номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Диссертатсияи номзадии Азизов Фирӯз Шарифович, ки вобаста ба таърих ва муҳимияти яке аз жанрҳои публитсистӣ ток-шоу омода шудааст, яке аз мавзуъҳои муҳими журналистикаи телевизион ба ҳисоб меравад. Дисертант дуруст зикр мекунад, ки дар боби жанрҳои нисбатан нав ба монанди ток-шоу, шоу, поп-шоу қариб ягон адабиёти комил вуҷуд надорад. Ба ин хотир таҳқиқ намудани чунин мавзуъҳо кори нав аст.

Дар замони имрӯз, ки рушди бемайлони илм ба назар мерасад, телевизион низ дар навбати худ пеш меравад ва дар фазои иттилоотиву фарҳангӣ мавзуъҳое матраҳ мешаванд, ки то ба имрӯз хоси телевизион набуданд. Жанрҳои телевизионӣ вобаста ба моҳияташон омода мешаванд ва равзанаи тозае доранд.

Ток-шоу аз қабили ҳамин гуна жанрҳое ба ҳисоб меравад, ки бо шакли пешниҳод, мавзуъгузорӣ, қаҳрамонҳо, декоратсия ба куллӣ аз дигар жанрҳо фарқ менамояд. Яке аз вазифаҳои барномаҳои ток-шоу ин фароғатдиҳиву андармонсозӣ ба ҳисоб меравад.

Миёни дигар жанрҳои публитсистӣ имрӯз дар шабакаҳои телевизионӣ ток-шоу мақоми хоса дорад. Дар маъруфтарин шабакаҳо ток-шоу сохта мешавад ва роҳбарияти телевизионҳо низ бо ин усул бинандаи худро аз даст додан намехоҳанд.

Ҷолиб аст, ки диссертант ҳангоми таҳқиқ ба андешаи баъзе аз муҳаққиқон розӣ намешавад ва дар посух ба он нуктаи назари асосноки худро баён менамояд. Ӯ мавқеи ток-шоуро дар низоми барномаҳои телевизионӣ таҳқиқ намуда, доир ба таърихи жанр, шаклгирии он,

истифодаи унсурҳои ҷолибгардонӣ изҳори андеша мекунад. Диссертант дар кори хеш ишора ба он менамояд, ки фазои фарҳангиву иттилоотии кишвар (барномаҳои телевизионӣ) ба шоумен ниёз доранд ва дар шабакаҳои ватанӣ набудани шоумени воқеӣ чун проблема боқӣ мемонад, ки чунин хулосабарорӣ ба воқеият мувофиқат мекунад.

Баробари ин дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ҳам ба назар расид:

1. Ҳолатҳое мушоҳида шуданд, ки диссертант нисбат ба иқтибосҳо ва барномаҳо мавқеи худро мушаххас нишон надода, онҳоро чун фикри анҷомёфта истифода мекунад.
2. Ҳолатҳои такрори фикр мушоҳида шуд.

Эродҳои мазкур ба арзиши умумии кор таъсири ҷиддӣ надоранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Азизов Фирӯз дар мавзӯи “Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ (дар мисоли барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон ва Телевизиони Сафина)” ба талаботи диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ аст.

Муқарриз
Сармуҳаррири идораи таҳлилии
Муассисаи давлатии телевизиони “Ҷаҳоннамо”
номзади илмҳои филологӣ Соҳибова Барно Нозировна

Суроғa: 734013, ҚумҳуриитТоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Беҳзод 7 “А”
тел: +992 (37) 221-35-26, 227-67-03
тел. моб: + 992 937776122
E-mail: barnobarno@mail.ru

Имзои Соҳибова Барно Нозировнаро тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳои МД «Ҷаҳоннамо» Нуралиев Рачабалӣ.

ШУЪБАИ КАДРҲО

5.12.2022